# Машғулияти идоравӣ ҷиҳати омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар Хадамоти иҷрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 13 Июн, 2022 - 17:00
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таблиғ ва омӯзиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар толори маҷлисгоҳи Хадамоти иҷрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-уми июни соли 2022, соати 15:00 бо иштироки муовинони сардори Хадамоти иҷрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуфзода Ю.С. ва Холиқзода А.Ғ. ва аҳли кормандони Хадамот (ҳамагӣ 120 нафар) ҷиҳати омӯзиш ва риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳа машғулияти идоравӣ баргузор намуд, ки дар он сардори шуъбаи танзими истилоҳот – Зулфониён Р. ва сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита – Буриева Ш. иштирок ва суханронӣ намуданд.
Дар оғоз муовини якуми сардори Хадамоти иҷрои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуфзода Ю.С. машғулияти идоравиро ҳусни оғоз бахшида, иштирокдоронро барои ташриф оварданашон хайрамақдам намуд. Баъдан барои шарҳ додани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» суханро ба сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита – Зулфониён Р. дод.
Зулфониён Р. дар идомаи суханрониаш вобаста ба истифодаи садонокҳо ва ҳамсадоҳо, тарзи навишти калимаҳо, ки бештар дар шакли ғалати «мавзӯъ, мӯҳлат, оиди, нисбати, хатоӣ, иҷроиш ва ғайра» корбурд мешаванд, маълумот дода, риояи онро дар шакли дуруст ҳангоми коргузорӣ ҳатмӣ шуморид.
Сипас, суханронии сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита – Буриева Ш. идомабахши чорабинии мазкур гардида, ҷиҳати амалишавии муқарраროти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», банди 48-и «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ андешаронӣ намуд.
Дар анҷоми машғулияти идоравӣ аз ҷониби иштирокдорон саволҳо пешниҳод шуданд, ки мутахассисони Кумита ба онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 4

Баҳои миёна: 4 (4 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]
- Фаъолият [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

-

[7]

-

[8]

-

[9]

-

[10]

-

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/mashguliyati-idoravi-chikhati-omuzishi-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-va-alomatkhoi-kitobati?mini=2026-04

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0020.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0006.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0008.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0011.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0013.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0014.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0016.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220613-WA0017.jpg